Ба Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзӯи «Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Рисолаи номзадии Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзӯи «Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба» яке аз мавзӯҳои муҳими замони муосир мебошад. Зеро, бе танзими ҳуқуқии дахлдор масоили ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди кишвар душвор аст. Чунин ҳолат моро водор месозад, ки барои ҳалли масъалаҳои марбут ба танзими арбитражи байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсус диҳем.

Аз мазмуни автореферати мазкур маълум мегардад, ки рисола аз 3 боб ва 7 зербоб иборат мебошад. Дар рисола дастовардҳои хуб ба назар мерасанд. Хусусан муаллиф якчанд ақидаҳои пешқадам ва замонавиро ҷиҳати танзими созишномаи арбитражӣ пешниҳод кардааст. Таҳлилҳои муқоисавии муаллиф имкон додааст, ки таҷрибаи давлатҳои дигар дар ин самт омӯхта шаванд. Адабиётҳои зарурӣ таҳлил гардидааст. Умуман кор бо услуби илмӣ навишта шудааст.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзӯи «Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба» бо моҳият ва мазмуни хоси илмию амалияш, таъмини мантиқии масъалагузорӣ тариқи риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои назаррасу илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбат мебошад.

Автореферати диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзӯи «Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба» аз нуқтаҳои илмии мубоҳисавӣ холи нест.

1. Дар навгонии №6 муаллиф чунин иброз медорад: "Пешниҳод карда мешавад, ки аз сабаби ба вуҷуд омадани вазъи эпидемиологӣ дар ҷаҳон, аз қабили пандемияи COVID-19, ҷаласаҳои арбитрҳо оид ба моҳияти баҳс метавон ҳамчун истисно аз қоидаҳои умумӣ тавассути истифодаи видеоконфронс анҷом дода шавад".

Ба назари мо бо тариқи онлайн баргузор намудани ҷаласаҳои арбитрҳо натанҳо дар ҳолати эпидомологӣ, инчунин дар тамоми дигар ҳолатҳое, ки барои тарафҳо муносиб аст, баргузор намудан мумкин аст. Ин таҷриба ҳоло дар ҷаҳон хеле маъруф аст.

2. Дар навгонии №7 муаллиф чунин пешниҳод менамояд: Тасдиқ карда мешавад, ки ҳуқуқи татбиқшаванда дар мазмуни созишномаи арбитражӣ қисми шартнома мебошад. Агар шартнома беэътибор дониста шавад **ё баста нашуда бошад** ё бекор карда шавад, тавзеҳоти арбитражӣ эътибори худро гум намекунад.

Муаллиф дар ин навгонӣ дар ҳолтаи "баста нашудани шартнома" ҳам имкони созишномаи арбитражиро ҷоиз медонад. Чунин масъалагузорӣ ба тавзеҳоти васеъ ҳангоми ҳимоя ниёз дорад.

Бояд гуфт, ки эродҳое, ки дар боло зикр шудааст аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, дар маҷмуъ ба баҳои мусбии диссертатсия таъсир намерасонад.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи автореферати диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло нишон медиҳад, ки таҳқиқоти илмӣ баанҷомрасида мебошад ва масъалаҳои мубраму ҳалталаб вобаста ба мавзеи таҳқиқот дар замони муосир барои оянда замина мегузорад.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферат дида мешавад, ки диссертатсияи номзадии Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзӯи «Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба» ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

И.в. профессори кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Меликов У.А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5 : (+992 237) 234-88-02. Сайт: www.iutet.tj
Почтаи электронӣ: dsx_ips@mail.ru
Тел.: 100400879

06.04.2024

«Имзои У. А. Меликовро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус ДБССТ Ҷураев Ш.Н.